# 9423 - Зиёрати масҷиди Ақсо дар Фаластин

**савол**

Оё барои касе, ки дар хориҷи Фаластин зиндагӣ мекунад, ҷоиз аст, ки барои адои намоз дар масҷиди Ақсо ба онҷо сафар намояд?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Зиёрати масҷиди Ақсо ва намоз хондан дар онҷо суннат аст, агар ин чиз муяссар шавад, зеро паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Қофилаи сафар баста намешавад, магар ба се масҷид: Масҷидулҳаром, масҷиди ман ва масҷиди Ақсо».** Муттафақун алайҳ (Ривояти Бухорӣ ва Муслим).

Аллоҳ тавфиқдиҳанда аст.